## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ)**

Дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи ёдгориҳои таърихию фарҳангии минтақаҳои гуногуни кишвар аз ҷумлаи самтҳои муҳимми илмҳои таърих ва бостоншиносӣ ба шумор меравад. Таҳқиқи мероси таърихию фарҳангии ҳар як минтақа имкон медиҳад, ки равандҳои таърихӣ, хусусиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа дар давраҳои гуногун амиқтар омӯхта шуда, масъалаҳои то имрӯз норӯшани таърихи халқи тоҷик мавриди бознигарии илмӣ қарор гиранд. Дар баробари ин, натиҷаҳои чунин таҳқиқот барои ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ ва муаррифии тамаддуни қадимаи тоҷикон дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Ноҳияи Данғара яке аз минтақаҳои дорои мероси ғании бостонию таърихӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар ҳудуди он ёдгориҳои гуногуни бостоншиносӣ, аз ҷумла шаҳракҳо, қалъаҳо, гӯрхонаҳо, мақбараҳо ва дигар ёдгориҳои моддӣ ҷойгир мебошанд, ки марҳилаҳои гуногуни рушди таърихию фарҳангии аҳолии ин минтақаи таърихиро инъикос менамоянд. Аз ин рӯ, омӯзиши низомманд ва таҳқиқи илмии ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара, махсусан ёдгориҳои асримиёнагӣ, барои бозсозии равандҳои таърихии минтақа ва такмили дониши илмӣ оид ба таърихи асримиёнагии Тоҷикистон аҳаммияти хосса дорад.

Мубрамияти мавзӯи диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар он зоҳир мегардад, ки як қатор масъалаҳои муҳимми таърихи асримиёнагии ноҳияи Данғара, аз ҷумла марҳилаҳои аввали асримиёнагӣ, давраи давлатдории Сомониён, паёмадҳои ҳамлаи муғулҳо ва равандҳои таърихию фарҳангии давраи Темуриён то имрӯз ба таври комил ва ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи маҷмӯии ёдгориҳои асримиёнагии минтақа ва муайян намудани хусусиятҳои таърихию фарҳангии онҳо яке аз вазифаҳои муҳимми илми бостоншиносии муосир ба ҳисоб меравад.

Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқи мавзӯъ на танҳо ба натиҷаҳои корҳои илмии муҳаққиқони пешин такя намудааст, балки маводди сарчашмаҳои бойгонӣ, адабиёти илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроии бостоншиносиро низ ба таври васеъ истифода бурдааст. Ин равиш имкон фароҳам овардааст, ки вазъи омӯзиши ёдгориҳои ноҳияи Данғара арзёбӣ гардида, маълумоти мавҷуда бо натиҷаҳои таҳқиқоти нави саҳрой муқоиса ва ҷамъбаст карда шавад.

Аҳаммияти таҳқиқот инчунин дар он ифода меёбад, ки қисми муайяни ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара, мисли дигар минтақаҳои кишвар, зери таъсири омилҳои табиӣ ва инсонӣ қарор дошта, ба ҳифзу нигоҳдории онҳо таваҷҷуҳи доимӣ зарур аст. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқоти мазкур на танҳо аҳаммияти илмӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дошта, метавонад барои муайян намудани ҳолати имрӯзаи ёдгориҳо, таҳияи тадбирҳои ҳифзи онҳо ва баланд бардоштани маърифати таърихию фарҳангии ҷомеа, бахусус насли ҷавон, мусоидат намояд.

Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ дар автореферат ба таври муносиб инъикос ёфтааст. Диссертант бо истифода аз сарчашмаҳои бойгонӣ, маводи корҳои саҳроии бостоншиносӣ, адабиёти илмӣ ва усулҳои таҳлили муқоисавӣ раванди омӯзиши ёдгориҳои таърихию бостоншиносии ноҳияи Данғараро мавриди таҳлил қарор дода, дар заминаи натиҷаҳои бадастомада хулосаҳои илмии дахлдор пешниҳод намудааст.

Мақсади асосии таҳқиқот омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара дар доираи асрҳои III–XVIII, муайян намудани хусусиятҳои хронологӣ, фарҳангӣ ва таърихии онҳо, инчунин муайян кардани ҷойгоҳи ин ёдгориҳо дар раванди таърихию фарҳангии минтақа мебошад. Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф барои расидан ба ин мақсад як қатор вазифаҳои илмиро ба таври пайдарпай мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар автореферат таъкид шудааст, ки таҳқиқот бар асоси маводи бойгонӣ, сарчашмаҳои хаттӣ, натиҷаҳои корҳои саҳроии бостоншиносӣ ва таҳлили муқоисавии маводи археологӣ анҷом дода шудааст. Истифодаи чунин маҷмӯи сарчашмаҳо ва маводи илмӣ имконият фароҳам овардааст, ки мавзӯи таҳқиқот аз мавқеи комплексӣ баррасӣ гардад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқот навгонии илмии он мебошад. То имрӯз таҳқиқоти мукаммал ва маҷмӯие, ки ба омӯзиши ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара дар доираи васеи хронологӣ – аз асрҳои III то XVIII – бахшида шуда бошад, ба анҷом расонида нашудааст. Аз ин рӯ, кӯшиши диссертант ҷиҳати ҷамъоварӣ, тасниф, таҳлил ва ба низом

даровардани маълумоти марбут ба ёдгориҳои ин давра аз аҳаммияти илмӣ бархӯрдор мебошад.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, мавзӯи таҳқиқот ба омӯзиши яке аз минтақаҳои муҳими таърихию фарҳангии водии Вахш ва вилояти Хатлон равона гардида, дар заминаи зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи мероси бостоншиносии ноҳияи Данғара ба миён омадааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар асоси маводи мавҷуда ҷойгоҳи ёдгориҳои мазкурро дар рушди таърихию фарҳангии минтақа муайян намуда, хусусиятҳои асосии онҳоро нишон диҳад.

Аз муҳтавои автореферат ҳамчунин маълум мегардад, ки дар таҳқиқот масъалаҳои марбут ба мавқеи ҷуғрофӣ ва муҳити таърихию табиии ноҳияи Данғара, раванди рушди он дар давраҳои гуногун, аз ҷумла дар замони Шӯравӣ ва давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин ҷанба барои дуруст дарк намудани равандҳои тағйирёбии муҳити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа ва таъсири онҳо ба ҳолати ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ муҳим мебошад.

Дар маҷмӯъ, аз омӯзиши автореферат бармеояд, ки объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бо муҳтавои мавзӯъ, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқ буда, дар маҷмӯи худ барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда заминаи илмӣ фароҳам овардаанд.

Автореферат аз рӯйи сохтор ва мазмун ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, бахшҳои асосии диссертатсия, аз ҷумла мубрамияти мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, дараҷаи омӯзиши масъала, усулҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳои асосӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро инъикос менамояд. Мазмун ва муҳтавои автореферат дар маҷмӯъ тасаввуроти кофӣ дар бораи самти таҳқиқот, натиҷаҳои бадастомада ва саҳми илмии диссертант фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ҷанбаҳои мусбат ва аҳаммияти илмии таҳқиқот, дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар баъзе ҷойҳо хатоҳои имлоӣ, грамматикӣ ва услубӣ ба мушоҳида мерасанд. Дар баъзе мавридҳо низ такрори фикрҳо ва ҷумлаҳо ба назар расида, таҳрири иловагии матнро тақозо менамояд. Бартараф намудани ин камбудиҳо метавонад сатҳи забонӣ ва услубии автофератро боз ҳам беҳтар намояд. Камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ба арзиши умумии илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» ба масъалаи муҳими илми бостоншиносӣ бахшида шуда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Муаллиф дар таҳқиқи мавзӯъ аз сарчашмаҳои бойгонӣ, адабиёти илмӣ ва маводи корҳои саҳроии бостоншиносӣ истифода намуда, кӯшиш кардааст, ки хусусиятҳои таърихию фарҳангии ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғараро муайян ва таҳлил намояд.

Бо дарназардошти аҳаммияти мавзӯъ, дараҷаи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастомада ва аҳаммияти назариявию амалии он метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – Бостоншиносӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърихи бостоншиносӣ ва мероси ниёгони
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар шаҳри Панҷакент **Раҳматуллоев И.М.**

*Имзои **Раҳматуллоев И.М.**-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар шаҳри Панҷакент **Қурбонов М.Л.**

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Панҷакент, хиё. Рӯдакӣ 106
**Тел.:** 992(83322) 5-40 50
**E-mail:** dotpanj.tj